**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. – ш. Ҳисор, 2025. – 10 с.**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмӣ 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика мутобиқат дорад. Мавзуи таҳқиқот, ки ба омӯзиши нақши анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст, як бахши муҳими низоми умумии тарбияи шахсият ва рушди ахлоқии кӯдаконро фаро мегирад.

Таҳқиқи равандҳои ташаккули хислатҳои ахлоқӣ ва арзишҳои инсондӯстона дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ яке аз самтҳои калидии педагогикаи умумӣ маҳсуб меёбад. Муаллиф тавассути баррасии меъёрҳои таълим ва тарбия, муайянсозии омилҳои педагогии таъсиррасон, таҳияи моделҳои методӣ ва ташкили озмоишҳои эмпирикӣ нишон медиҳад, ки ҷанбаҳои таҳқиқ дар чаҳорчӯбаи равандҳои таълимӣ ва тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сурат гирифтаанд.

Мутобиқи талаботи Дастурамал, мавзуи рисолаи илмӣ бояд бо шиносномаи ихтисос ва зарфиятҳои методологӣ ва амалии соҳаи дахлдор мувофиқат дошта бошад. Аз ин нуқтаи назар, муҳтавои рисола – ки ба омӯзиши хусусиятҳои таълиму тарбия, арзишҳои миллии фарҳангӣ, истифодаи анъанаҳои таърихӣ дар амалияи мактабӣ ва таҳкими равандҳои тарбияи ватандӯстӣ равона гардидааст ба таври равшан ба соҳаи педагогикаи умумӣ тааллуқ дорад.

Ғайр аз ин, интихоб ва истифодаи манбаъҳои педагогии ватанӣ ва ҷаҳонӣ, равишҳои таълимии классикон ва замонавӣ, инчунин равона кардани таҳқиқ ба ташкили шароити муассир барои тарбияи шахсияти кӯдак дар муҳити мактаб аз

муҳимтарин далелҳое маҳсуб меёбанд, ки мувофиқати мавзуъ ва вазифаҳои рисола ба ихтисоси илмии 13.00.01-ро исбот менамоянд.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Зимни таҳқиқ, мубрамии мавзуъ аз он низ бармеояд, ки на танҳо арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ (чун сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ), балки хусусиятҳои менталӣ ва фарҳангии халқ, ки тавассути забон, расму оин, шеър ва ҳикматҳои мардумӣ таҷассум меёбанд, бо ҳам ҳамгиро гардида, як модели миллии тарбияро ташкил медиҳанд.

Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки мероси фарҳангии халқи тоҷик, ки дар он таҷрибаи ғании ахлоқӣ, рӯҳонӣ ва ватандӯстона ҷамъ гардидааст, метавонад ҳамчун заминаи боэътимоди педагогӣ барои рушди шахсияти кӯдак истифода шавад. Анъанаҳои мардумӣ, афкори ахлоқии адабиёти классикӣ, суннатҳои таърихӣ ва шеваҳои муносибати мутақобила дар муҳити оила ва ҷомеа — ҳамчун сарчашмаҳои қобили эътимоди тарбияи ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ зикр гардидаанд.

Ин мавзуъ дар заминаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф низ аҳамияти калидӣ дорад. Ба таври мушаххас, он ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии тарбия, Барномаи давлатии тарбияи шаҳрвандии насли наврас, Стратегияи миллии рушди маориф, инчунин ба ҳадафҳои байналмилалии рушди устувор ва Конвенсияҳои ЮНЕСКО мутобиқат мекунад.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия на танҳо аҳамияти амалӣ дар таълими ибтидоӣ, балки арзиши назариявӣ дар рушди парадигмаи миллии педагогика низ дорад. Таҳқиқи масъала дар сатҳи илмии докторӣ имкон медиҳад, ки роҳи татбиқи арзишҳои таърихию фарҳангии тоҷикон дар муҳити мактаби муосир равшан шавад ва таҷрибаи амалии муассисаҳои таълимӣ дар самти тарбияи ахлоқӣ бо заминаи илмии устувор таъмин гардад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Доир ба навгонии илмии таҳқиқот, қайд кардан зарур аст, муаллиф заминаи назариявиву методологиро дар заминаи муносибати арзишӣ ташаккул медиҳад. Муҳаққиқ аз равиши аксиологии тарбияи инсони арзишманд кор гирифта, ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро ҳамчун арзишҳо муратгаб мекунад. Дар зербоби «Асосҳои назариявӣ ва методологӣ» таъсиси низоми назариявӣ аз рӯи консепсияҳои масъала, аз ҷумла асарҳои Л.С.Выготский, В.А.Сухомлинский, К.Д.Ушинский ва дигарон анҷом дода шудааст.

Методҳои таҳқиқ (аз ҷумла таҳлил, муқоиса, усулҳои эмпирикӣ мисли озмоиш ва мушоҳида) низ равшан муайян шудаанд. Рисола ва асарҳои олимони дохилию хориҷӣ, инчунин санадҳои қонунгузорӣ ва ёддоштҳои ЮНЕСКО низ ҳамчун манбаъҳои маълумот истифода шудаанд. Бар асоси Дастурамал (13.7–13.9), ин қисм бояд асосҳои назариявӣ ва методологиро фаро гирад, ки дар рисола дар маҷмуъ ба ин талабот ҷавоб дода шудааст.

Муаллиф дар раванди таҳияи диссертатсия ба омӯзиши мукаммали вазъи таҳқиқоти илмии пешина оид ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст. Дар бахши баррасии адабиёт, сарчашмаҳои гуногуни олимони ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил гардидаанд, ки доираи васеи равишҳои назариявӣ ва амалии тарбияи ахлоқӣ дар синфҳои ибтидоиро фаро мегиранд.

Дар ҷараёни таҳлили мазмуну муҳтавои ин манбаъҳо, муаллиф ду нуқтаи муҳимро равшан месозад: аввалан, бо вуҷуди таваҷҷуҳи муайян ба мавзуъҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ахлоқӣ, то ба имрӯз масъалаи интегратсия кардани анъанаҳои миллии халқи тоҷик ба раванди ташаккули чунин арзишҳо дар синфҳои ибтидоӣ ҳамчун мавзуи мустақил ва ҳамаҷонибаи таҳқиқоти илмӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дуюм, дар қисми зиёди корҳои қаблӣ наметавонем барномаҳои мукаммали методиро дарёфт намоем, ки тарбияи ҳамзамон ва мутавозуни ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро дар марҳилаи ибтидоии таҳсил таъмин намояд.

Муаллиф норасоии равишҳои методологӣ ва набудани заминаҳои консептуалии таҳқиқро ҳамчун ангезаи асосӣ барои интихоби мавзуъ ва равиши таҳқиқотӣ арзёбӣ мекунад. Ин нуқта дар ҳамбастагӣ бо вазъи муосири ҷомеа, ки таҳаммулпазирӣ ва сулҳпарвариро на танҳо арзишҳои ахлоқӣ, балки ҳамчун зарурати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тақозо менамояд, аҳамияти мавзуъро бештар мегардонад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки сатҳи таҳқиқи масъала дар илми педагогика, новобаста аз мавҷудияти таҳқиқоти пароканда ва ҷанбаҳои умумӣ, то ба имрӯз пурра ва мукаммал инъикос нашудааст. Аз ин рӯ, рисолаи Қаюмова Ҳ.Т. тавсеаи назариявӣ ва коркарди амалии ин мавзуи мураккабро дар қолаби илмии нав пешниҳод карда, холигии ҷойдоштаро дар таҳқиқи масъалаи мазкур пур мекунад.

Мақсади умумии таҳқиқоти илмии Қаюмова Ҳ.Т. равона шудааст ба асосноксозии методологии раванд ва муҳтавои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои фарҳангиву ахлоқии халқи тоҷик. Ин мақсад яке аз самтҳои стратегии рушди маорифи миллӣ ва мукаммалгардонии заминаҳои тарбиявии

зинаи таҳсилоти ибтидоӣ маҳсуб ёфта, ба масъалаи муҳими ҳамгироии арзишҳои фарҳанги миллӣ бо усулҳои замонавии таълиму тарбия дахл дорад.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани ҳадафи асосӣ, муаллиф даҳ вазифаи мушаххас ва ба ҳам пайвастаро дар таҳқиқ муайян кардааст. Ин вазифаҳо ба таври зина ба зина аз таҳқиқи назариявӣ оғоз ёфта, то татбиқи амалӣ ва таҳияи тавсияҳои методӣ идома меёбанд. Онҳо ин масъаларо дар бар мегиранд:

- муайянсозии моҳият ва сохтори тарбияи ахлоқӣ, аз ҷумла мазмуни мафҳумҳои «ватандӯстӣ», «сулҳпарварӣ» ва «таҳаммулпазирӣ»;
- таҳлили шароити иҷтимоӣ-педагогӣ ва муайянсозии омилҳои муассир дар ташаккули ин арзишҳо;
- баррасии таҷрибаи педагогии анъанавии халқи тоҷик ва нақши арзишҳои суннатӣ дар тарбияи насли наврас;
- таҳияи модели педагогии тарбия ва муайян кардани принсипҳо, механизмҳо ва марҳилаҳои он;
- таҷрибагузаронӣ дар шароити муассисаи таълимии муосир ва таҳлили самаранокии усулҳои пешниҳодшуда;
- тавсеаи тавсияҳои амалӣ барои омӯзгорон дар заминаи таҷриба ва таҳқиқоти гузаронидашуда.

Дар охири таҳқиқ, муаллиф маҷмӯи мушаххаси натиҷаҳои илмӣ ва навовариҳои шахсиро пешниҳод менамояд, ки самти умумии рисоларо дар шакли хулосаҳои консептуалӣ ифода мекунанд. Аз ҷумла, дар қисми «Ғояҳо ва натиҷаҳои асосии ҳимояшаванда» панҷ дастоварди калидӣ оварда шудааст, ки ҳар кадоми онҳо ба таври мустақим бо ҳадафи тадқиқот ва масъалаи илмии ироашуда алоқаманд мебошанд. (Диссертатсия, с.18-19)

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.

Дар асоси омӯзиш, таҳлил ва арзёбии адабиёту сарчашмаҳои илмии педагогӣ-психологӣ ва дидактикӣ ҳамчун инъикоскунандаи далелноки муқарраротӣ назариявии таҳқиқот корҳои таҷрибавию озмоишӣ доир ба мавзуъ анҷом дода шудаанд, ки эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршударо бозгӯ мекунанд. Бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишаванда дар дараҷаҳои назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомада таъмин карда шудаанд.

Муҳаққиқ ба омӯзишу таҳлили осори илмии олимони маъруфи ватанию хориҷӣ даст зада, аз онҳо иқтибосҳои зарурираро ҷиҳати боз ҳам возеҳтар собит сохтани дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои методии манзурнамудааш ба кор бурдааст.

Дастовардҳои таҳқиқот дар такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ ва дидактикӣ, омӯзиши амиқи назарияҳо, қоидаҳо, ғояҳо ва мафҳуму қонунҳои илмӣ зимни тадриси силсилаи фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ ва дар ин асос таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудан ба хусусият, сабабу омилҳо ва натиҷаҳои рӯйдоду ҳодисаҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ, - истифодаи маҷмуи усулҳо, ҳадафҳо, вазифаҳои мувофиқ ба мавзуи таҳқиқот, такмили мутақобили методикаи таҳқиқот, такя ба амалияи муассисаи таълимӣ, бо назардошти намояндагӣ дар интихоби омӯзгорон ва хонандагон ҳангоми анкетакунонӣ ва пурсишҳои шифоҳӣ таъмин карда шуданд.

Аз таҳияи диссертатсия бармеояд, ки муҳтавои асосии он ва натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷаллаҳои тақризшавандаи назди Вазорати таҳсилот ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (соли 2016), дар Конференсияи илмии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (соли 2017), дар Конференсияи илмии Донишгоҳи педагогии Москва (ФР, соли 2013), дар Конференсияи ҷумҳуриявии олимони ҷавони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон “Мактаби сулҳофарии Пешвои миллат- роҳи дурахшони ҷавонон бароиояндаи шукуфон”, бахшида ба 20-солагии ваҳдати миллӣ дар Соли ҷавонон (соли 2017), дар Конференсияи байналмилалии Маркази рушди забони ишора ва таълими ношунавоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони “Моҳияти ахлоқ ва сифатҳои ахлоқии шахс дар тарбияи сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ” (2023), Хусусиятҳои ташаккули кӯдакони хӯрдсол дар рӯҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ. Дар Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (шаҳри Душанбе, 08 апрели соли 2025) дар мавзуи “Масъалаҳои муосири таълими томактабӣ тамоюлҳои рушди он ва самтҳои ислоҳот дар партави Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдатӣ миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28.12.2024”, дар филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе дар шакли гузориш, маърӯзаю баромадҳо ироа ва татбиқ гардиданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот бо назардошти беихтилофӣ дар мавқеъҳо, мувофиқат ба методология ва чанд ҷабҳаи таҳқиқот ва тасвиби натиҷаҳо эътимоднок арзёбӣ мешаванд.

Мавзуъ ба ихтисосҳои педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра мувофиқат мекунад.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд. Инчунин, дар муқаддима муҳаққиқ маҷмӯи масъалагузории илмии рисола нишон медиҳад, ки муаллиф бо возеҳият ҳадаф ва самтгирии таҳқиқро муайян намуда, таҳқиқро дар доираи як консепсияи методологӣ амалӣ кардааст. Ҳамин тавр, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ буда, ба таври мувофиқ роҳнамои ҷараёни таҳқиқ қарор мегиранд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 370 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳаруфчиншуда иборат буда, 3 диаграмма, 8 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёт фарогири 478 номгӯй мебошад.

Рисолаи доктории Қаюмова Ҳ. Т. дорои сохтори мантиқӣ, илмӣ ва методологӣ мебошад, ки ҷавобгӯи талаботи амалкунандаи дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои таҳияи корҳои илмии дараҷаи доктори илм мебошад. Матн дар шакли пайдарпай, дар асоси принсипҳои таҳқиқи илмӣ таҳия гардида, бо забони равон, саҳеҳ ва услуби махсуси таҳлилӣ таҳия шудааст.

Тадқиқот дар се марҳилаи асосӣ (2015–2016, 2017–2018, 2019–2021) ва марҳилаи ҷамъбастӣ (2022–2024) гузаронида шудааст. Марҳилаи аввал назариявӣ буда, таҳлили адабиёт, таъриху фарҳанг ва заминаҳои иҷтимоии тарбияи ватандӯстӣ анҷом дода шудааст. Марҳилаи дуюм таҷрибавӣ буда, дар мактабҳои шаҳри Душанбе ва Кӯлоб омӯхта ва таҷрибаҳои амалиявии тарбияи арзишҳои ахлоқии хонандагон ба роҳ монда шудаанд. Сипас натиҷаҳо таҳлил, ҷамъбаст ва дар амал татбиқ гардидаанд. Барои ин корҳои таҳқиқотӣ ду қатор усулҳои назариявӣ (таҳлили адабиёт, муқоиса, моделсозӣ ва ғайра) ва эмпирикӣ (озмоиш, пурсиш, мушоҳида ва ғ.) интихоб карда шуда, манбаъҳои гуногуни илмӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун асоси иттилоотӣ истифода шудаанд.

**Боби аввали диссертатсия бо номи «Хусусиятҳои назариявию методологии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар асоси анъанаҳои халқию педагогикаи миллии тоҷикон»** номгузорӣ шудааст, ки се зербоб ва хулосаро фаро мегирад.

**Боби дуюми диссертатсия бо номи** «**Истифодаи воситаҳои ҳамгироии тарбияи ватандӯстӣ,сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик**» номгузорӣ шудааст, ки аз се зербоб ва аз хулоса иборат мебошад.

**Боби сеюми диссертатсия** фарогири масъалаи «**Истифодаи усулҳо ва воситаҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси мероси анъанаҳои халқи тоҷик**» ва се зербобу хулоса мебошад.

**Боби чорум бошад тахти унвони «Ҳамкории ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва оила дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ**» бо фарогирии се зербоб ва хулосаҳо мураттаб гаштааст. Ҳар боб бо хулосаҳои ҷамъбаст мешавад, ки ба хонанда барои фаҳмиши сохтор ва ҷараёни таҳқиқ мусоидат менамояд.

**Хулоса** аз 16 банд иборат буда муҳтавои асосии онҳо дар 36 интишороти илмии муҳаққиқ вабаста ба мавзуи диссертатсия оварда шудааст.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Диссертатсия дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад, ки дар ду самти калидӣ – такмили бунёди илмии тарбияи ахлоқӣ ва тарҳрезии равишҳои амалии омӯзиш – инъикос ёфтааст.

Аз нуқтаи назари назариявӣ, ин таҳқиқ якчанд самти асосии педагогикаи умумиро ғанӣ мегардонад:

Пеш аз ҳама, он мафҳум ва сохтори системаи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ бо такя ба арзишҳои анъанавии халқӣ такмил медиҳад.

Модели пешниҳодшудаи тарбия, ки дар заминаи ҳамгироии муҳтавои таълим ва муҳити иҷтимоӣ шакл гирифтааст, ҳамчун асос барои таҳия ва таҷдиди консепсияҳои миллии тарбия хидмат карда метавонад.

Инчунин, рисола дар интегратсияи адабиёти классикӣ, анъанаҳои фарҳангӣ ва васоити суннатии халқ ба муҳтавои таҳсилоти муосир саҳм мегузорад.

Аз ҷиҳати амалӣ, рисола дорои пешниҳодҳои мушаххаси методӣ ва василаҳои татбиқшавандаи тарбия мебошад, аз ҷумла:

- тавсияҳои конкретӣ барои омӯзгорон оид ба ташкили корҳои тарбиявӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ, бо истифода аз ҳикматҳои халқӣ, порчаҳои адабии ахлоқӣ, анъанаҳо ва урфу одатҳое, ки муносибати меҳанпарастона ва таҳаммулпазирро ташаккул медиҳанд;

- дастурҳои услубии муфид барои фаъолияти ҳамгироии мактаб, оила ва ҷомеа, ки имконияти бештар фароҳам меоранд барои таъсиррасонии маҷмуӣ ба шахсияти кӯдак;

- замина барои воридсозии равишҳои нави тарбия ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, аз ҷумла истифодаи тарзи омӯзиши фаъол, таълифи лоиҳаҳои ватандӯстӣ ва ташкили чорабиниҳои тарбиявӣ дар асоси урфу анъанаҳои миллӣ.

Ҳамзамон, натиҷаҳои рисола метавонанд барои такмили барномаҳои ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, таҳияи курсҳои такмили ихтисос, инчунин барои тавсеаи маводи таълимӣ ва дастурҳои методӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Бо дарназардошти ҳамаи унсурҳои зикршуда, метавон гуфт, ки тадқиқоти мазкур ҳам ба бунёди назариявии илм саҳми намоён мегузорад ва ҳам дорои қобилияти баланди татбиқи амалӣ дар муҳити муассисаҳои таълимии кишвар мебошад. Арзишмандии илмии он дар муттаҳид сохтани мероси фарҳангии халқ бо вазифаҳои замонавии мактаб ва ҷомеа зоҳир мешавад.

Арзиши илмӣ ва амалии кори диссертатсионӣ дар навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот инъикос ёфтаанд.

Инчунин, татбиқи принсипҳои педагогикаи фарҳангӣ, таҳқиқоти эмпирикӣ ва коркарди модели амалии тарбия, ки дар рисола амалӣ шудаанд, нишон медиҳанд, ки масъала на фақат илмӣ омӯхта шудааст, балки роҳҳои амалисозии он низ пешниҳод гардидаанд. Муаллиф бо интихоби дурусти масъала, таҳлили мантиқӣ ва равиши танқидии худ, ҷойгоҳи илмии таҳқиқоти мазкурро дар сатҳи муосири илмӣ асоснок кардааст.

Мақсади асосии рисолаи мазкур таҳияи асосҳои методологӣ ва амалӣ ҷиҳати тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои фарҳангии халқи тоҷик мебошад.

Муаллиф ин мақсадро ба воситаи таҳқиқи назариявии манбаъҳои илмӣ, таҳлили таҷрибаи амалии муассисаҳои таълимӣ ва пешниҳоди моделҳои нави тарбиявӣ амалӣ намудааст.

Муаллиф ба тартиб ва мантиқи иҷрои вазифаҳо аҳамияти ҷиддӣ додааст. Онҳо пайдарпай, аз таҳлили мафҳумии категорияҳои марказӣ оғоз шуда, то ба таҳияи моделҳои амалӣ ва усулҳои татбиқи онҳо дар муҳити таълимӣ идома меёбанд. Мавқеи методологии муаллиф дар ин раванд равшан ва асоснок аст: таълиму тарбияи ахлоқӣ бояд дар асоси арзишҳои фарҳангӣ, бо иштироки фаъоли ҷомеа ва бо эҳтиром ба анъанаҳои миллӣ амалӣ гардад.

Хусусияти ҷолиб ва навоваронаи ин қисмат дар он ифода меёбад, ки муаллиф кӯшидааст миёни таҳқиқоти назариявӣ ва амалияи педагогӣ пайванди мантиқӣ

баркарор намояд. Ӯ масъаларо танҳо аз нигоҳи таҳлили назариявӣ набардошта, балки ба натиҷаҳои воқеии таҳқиқ ва эҳтиёҷоти амалӣ такя намудааст, ки ин равиш сатҳи баланди масъулияти илмии муҳаққиқро нишон медиҳад.

Дар рисолаи доктории Қаюмова Ҳ. Т. як қатор натиҷаҳои нав ва асосноку зарур барои илми педагогика пешниҳод гардидаанд, ки дорои арзиши назариявию амалӣ ва аҳамияти илмии мустақил мебошанд. Саҳми шахсии муаллиф пеш аз ҳама дар таҳияи як системаи мукаммали методологӣ барои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик зоҳир мегардад.

Муаллиф бо истифода аз таҳлили амиқи анъанаҳои миллии ахлоқию фарҳангӣ, арзишҳои таърихӣ ва таҷрибаи педагогикии мардуми тоҷик тавонистааст, ки мафҳуми тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро дар заминаи фарҳанги миллӣ бознигарӣ намуда, ба он мазмуни муосир бахшад.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар семинарҳои илмӣ, дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои давоми солҳои 2017-2024 баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар маҷаллаи байналмилалии илмӣ-амалӣ, конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ ва конференсияҳоии ҷумҳуриявии илмию амалӣ муҳаққиқ мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар дар шакли 36 интишороти илмӣ: аз он ҷумла, 25 номгӯй мақолаҳои илмии дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба таъб расида, 6 номгӯй манография ва дастурҳои таълимиву методӣ ва 9 номгӯй мақолаҳои илмии дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Тартиби таҳияи диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати он мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро роҷеъ ба моҳияти таҳқиқоти баанҷомрасида ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шуда, ба

микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисолҳо ва ҷадвалу диаграммаҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо забони равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя гардидааст. Дар хусуси ҳар як боб ва дар маҷмуъ, ба рисола хулосаҳои возеҳи даркорӣ бароварда шудаанд.

**Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд,** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2024, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлоӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон номбар номбар кард:

1. Норасоии маълумот дар бораи апробатсия.

Гарчанде ки дар охири рисола мақолаҳо зикр шудаанд, далелҳои мушаххас дар бораи апробатсияи натиҷаҳо дар конференсияҳо ё муассисаҳои таълимӣ оварда нашудаанд. Ин метавонад ба шубҳаи амалигардонии баъзе тавсияҳо оварда расонад. Дар рисола лозим буд, апробатсияи ҷузъӣ ва натиҷаҳои санҷиш нишон дода шаванд.

2. Зарурати амиқтар кардани муколама бо адабиёти байналмилалӣ.

Гарчанде ки сарчашмаҳои хориҷӣ зикр шудаанд, муқоисаи муфассали моделҳои тарбияи ватандӯстӣ дар дигар кишварҳо (масалан, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, Аврупо) дар таҳқиқ намоён нест. Ин гуна муқоиса метавонад арзиши таҳлили назариявиро афзун намояд ва натиҷаҳоро бо муҳити ҷаҳонӣ пайваст созад.

3. Камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ дар баъзе бахшҳои матн дида мешавад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргардида, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар мачмуъ, диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи "Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботҳои бандҳои 31,33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2024, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Доктори илмҳои педагогӣ,
директори Муассисаи давлатии таълимии
"Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав" Давлатзода Ҷ.
«22» 08 соли 2025.

**Суроға:** ноҳияи Шаҳринав, ҷ/ш М.Турсунзода к. Ч. Уразов 13/17
shakhrinav@mail.ru

"Имзои Давлатзода Ҷ.-ро тасдиқ мекунам".
Сардори шуъбаи кадрҳои
"Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав" Алиева С.

Суроғаи муассиса:
ноҳияи Шаҳринав, ҷ/ш М.Турсунзода к. Ч. Уразов 13/17 shakhrinav@mail.ru
«22» 08 соли 2025.